# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003- Амнияти иқтисодӣ).

Парвандаи аттестатсионии №2

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 05.03.2024, №2

Барои сазовор донистани Изатуллои Ҳабибзод, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003 - Амнияти иқтисодӣ).

Диссертатсияи Изатуллои Ҳабибзод дар мавзӯи «Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003- Амнияти иқтисодӣ) ба ҳимоя 19 декабри соли 2023, протоколи №7.2 қабул карда шуд. Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44) дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2024, таҳти № 1 /шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Изатуллои Ҳабибзод докторант (PhD) –и кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон буда, 31 декабри соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, оиладор, соҳиби 3 фарзанд.

Изатуллои Ҳабибзод солҳои 2009 - 2015 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айниро аз рӯи ихтисоси «технология» ва солҳои 2017 - 2021 Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории

Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси идораи давлатӣ, хатм намудааст. Баъди хатми донишгоҳ ба ҳайси омӯзгор дар Литсейи касбии алоқаи ш. Душанбе фаъолияти худро оғоз намудааст.

Аз соли 2013 дар вазифаи мутахассиси шуъбаи кор бо ҷавонон, мудири шуъбаи таблиғот ва иттилооти Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ фаъолият намуда, айни замон, ба ҳайси раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович д.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Умаров Хоҷимуҳаммад Умарович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисодиёт ва идораи сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақриз аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Муртазозода О. таҳия гардида, дар ҷаласаи васеи Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон суратмаҷлиси № 1, аз 7 феврали соли 2024 баррасӣ ва аз тарафи директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Усмонзода Х.У. санаи 13 феврали соли 2024 тасдиқ шудааст.

Дар пешниҳоди муассиса, ки аз тарафи муқарриз имзо шудааст, қайд гардидааст, ки кори диссертатсионии Изатуллои Ҳабибзод ба талаботи

«Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) мутобиқ ва ҷавобгӯ мебошад. Аз рӯйи мазмуни илмӣ ва шакли таҳияи диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) «Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳури Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳалли масъалаҳои муҳим ва бартариятдоштаи илмҳои иқтисодӣ, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад, гирд оварда шудаанд. Ҳамаи ин далелҳо бе ягон шаку шубҳа аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки кори илмии мазкур сазовори баҳои баланд буда, муаллифи он арзандаи дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (Амнияти иқтисодӣ) мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф таркиби асосии кори диссертатсиониро фаро гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмие, ки ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба нашр расидаанд.

**а) Мақолахое, ки дар нашрияҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Изатуллои Ҳабибзод. Равишҳои назариявии таҳқиқи таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ // Идоракунии давлатӣ. Паёми Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021. - №4/2 (54). -С338-347.

[2-М]. Изатуллои Ҳабибзод, Ҷумъаев Б.М. Амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: арзёбии ҳолат ва пешниҳоди самтҳои мукаммалгардонии он //[Текст] / И. Ҳабибзод // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022. - №4. - С107-113.

[3-М]. Изатуллои Ҳабибзод, Ҷумъаев Б.М. Таҳдидҳои амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои паст намудани онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - №4 (1).-С92-102.

[4-М]. Изатуллои Ҳабибзод. Роҳҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон: - Душанбе, 2022. -№4 (2).-С190-199.

*Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:*

[5-М]. Изатуллои Ҳабибзод. Таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои воқеӣ ва ҳадду ҳудудии амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Такмили муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ ҳамчун заминаи амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат. Маҷмӯаи маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ, 28-уми майи соли 2022. – Душанбе: 2022. 163-168

[6-М]. Изатуллои Ҳабибзод. Баъзе самтҳои стратегии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳури Тоҷикистон // Самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ / Маҷмӯаи маводи конфронси байналмилалии илмӣ (25-уми ноябри соли 2022) Душанбе: 2022. –С. 426-431

[7-М]. Изатуллои Ҳабибзод, Ҷумъаев Б. М. Таҳдидҳои амнияти молиявии мамлакат: мафҳум, таснифот ва роҳҳои муқовимат ба онҳо // Нақш ва мақоми менеҷменти инноватсионӣ дар таҳким ва рушди саноатикунонии мамлакат (28.10.2022). Душанбе -С.185-189

[8-М]. Изатуллои Ҳабибзод. Ҷанбаҳои институтсионалии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир / Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш.Душанбе, 28 марти соли 2023) – Душанбе: 2023. 253-257.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд:

**Шералиев А.К.** - н.и.и. муаллими калони кафедраи истифодабарии техникии нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳани Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:

1. Дар автореферат муаллиф омилҳои таъсиррасонро ба амнияти молиявии кишвар нишон додааст, аммо меъёрҳои онҳо пешниҳод нагардидааст.

2. Инчунин аз ҷониби муаллиф раддабандии кишварҳо, аз ҷумла, мавқеи Тоҷикистон аз рӯйи амнияти молиявӣ нишон дода нашудааст.

**Шарифзода Ш.Р.** - н.и.и., и.в. дотсент, мудири кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод гардидааст.

Хубтар мешуд, агар дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф дар дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, таҳқиқот ва асарҳои илмии иқтисоддонон ва олимони кишвар бо пуррагӣ зери назар гирифта шуда, пешниҳод мегардид.

**Комилов С.Ҷ.** -д.и.и., профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон бо чунин эродҳо пешниҳод гардидаст.

1. Дар автореферат аз ҷониби муаллиф ба таҳлили таҷрибаи хориҷӣ, ки маҳз ба устуворгардонии амнияти молиявӣ равона гардидааст, дида намешавад.

2. Ба манфиати кор мешуд, агар муаллиф таҳлили муқоисавии механизмҳои устуворгардонии амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳоро пешниҳод мекард.

**Хайрзода Ш.Қ** - д.и.и., дотсент ректори Донишгоҳи давлатии Данғара бо чунин эрод пешниҳод гардидаст.

1. Дар саҳифаи 15-и автореферат аз ҷониби муаллиф қиммати ҳадди ҳудудии таваррум барои шарикони воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар мисоли Ҷумҳурии Халқии Чин, Туркия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳисоб карда шудааст. Сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид, агар чунин

нишондиҳанда дар мисоли шариконы содиротии Ҷумҳурии Тоикистон низ ҳисоб карда мешуд.

2. Ҳамзамон, беҳтар мешуд агар аз ҷониби муаллиф истилоҳи ба ҷойи истилои "шариконы воридотии Ҷумхурии Тоҷикистон" истилои "шариконы тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро истифода карда мешуд.

**Дар натиҷаи ҷамъбасти андешаҳои олимон.** Ба масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ саҳми назаррас худро гузоштаанд. Аз ҷумла:

- таҳқиқи назариявӣ ва амалии мукаммалгардонии механизми таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дар асарҳои илмии олимони рус мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст: Абрасова М.А., Архипова В., Заполских Ю.А., Иноземтсев В.Л., Козменко С.Н. Кулишов В.В., Лвов Д.С., Николайчук В.Е., Никулина Е.В., Орлова А.В., Рогофф К., Рудолф В.Д., Румянсева О., Смирнова И., Трифонов Д.С., Уткин А.И., Чистникова И.В. ва дигарон, ки дар сатҳи кофӣ баррасӣ шудаанд.

Дар коркарди масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон олимони ватанӣ саҳми назаррас гузоштаанд: Бабаджанов Р.М., Каримова М.Т., Ҷумъаев Б.М., Джурабаев Г., Қодиров Д.Б., Қаюмов Н.К., Мирсаидов А.Б., Раҳимзода Ш., Саидмуродзода Л.Ҳ., Умаров Х.У., Фақеров Ҳ.Н., Хушвахтзода Қ.Х., Шарифзода Б.М., Ҷонмамадов Ш.Б., Рауфӣ А., Исмоилов А.А. ва дигарон;

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ**отро имконияти истифодаи натиҷаҳои бадастомада аз тарафи мақомоти давлатӣ дар таҳияи барномаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҷалби қарзи хориҷӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми баҳодиҳии фаъолияти муассисаҳои қарзӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи стратегияҳои таъмини амнияти молиявии мамлакат, такмили заминавию институтсионалии фаъолияти муассисаҳои

молиявӣ ташкил медиҳад. Ҳамзамон, имконияти истифодабарии натиҷаҳои бадастомада дар шакли маводҳои лексиявӣ вуҷуд дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**Ҷанбаҳои назариявӣ** – асоси назариявии таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои арзёбии таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ ва асосноккунии роҳҳои такмили суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити озодкунии фаъолияти иқтисоди беруна бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсири омилҳои миқдорӣ ва сифатӣ ба ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ ошкор карда шуда, вобастагии мутақобилаи низомҳои молиявии мамлакатҳо аз ҳамдигар тавзеҳ дода шудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методии** таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ муқаррар карда шудааст, хусусиятҳои хоси ҷаҳонишавии молиявӣ ошкор карда шуда, аз тарафи муаллиф таърифи нави амнияти молиявӣ пешниҳод гардида, самтҳои асосии он ошкор ва вазифаҳояш мушаххас карда шудаанд. Собит карда шудааст, ки бисёр унсурҳои ҷаҳонишавии молиявӣ дар натиҷаи рушди худи бахши молия дар сатҳи миллӣ пайдо шудаанд, ки ба афзоиши сармояи озоди пулӣ ва ҳаракати он дар байни кишварҳо алоқамананд.

**Дар натиҷаи** таҳқиқот коркарди муқаррароти назариявию методӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ дар заминаи муайян кардани тамоюли ҳолат, ҷараёни инкишоф ва самтҳои минбаъдаи рушди он сурат гирифтааст: пуртавоҳум

- асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои илмии устуворгардонии амнияти молиявӣ таҳқиқ карда шуда, ҷамъбасти назариявӣ ва натиҷагирии адабиёти илмии соҳа сурат гирифтааст, ки ҷаҳонишавии молиявӣ ҳамчун раванди объективии баҳамназдикшавӣ ва марҳилаи ниҳоӣ байналмилалишавии низомҳои миллии молиявӣ арзёбӣ карда шудааст, ки дар натиҷаи вусъатёбии

ҳамгироии молиявӣ, озодкунии ҳаракати сармоя, вусъатёбии амалиётҳои байнисарҳадии пулию қарзӣ ба вуҷуд омада, маҷмӯи муносибатҳои хоҷагидориро дар самти банақшагирӣ, ҷамъоварӣ, истифодабарӣ ва идоракунии молияи ҷаҳонӣ, дар асоси ҷорӣ намудани стандартҳои ягонаи байналмилалӣ дар тамоми курраи ҷаҳон ифода менамояд.

- барои баланд бардоштани самаранокии сарфи маблағҳои давлатӣ дар **марҳилаи муосир** яке аз самтҳои ояндадори баланд бардоштани сифати фаъолияти назорат метавонад, гузариш ба аудити самаранокии хароҷоти давлатӣ бошад, ки он ҳамчун самти кори назорат дар кори мақомотҳое тавсиф мешавад, ки таҳлили сарфаю сариштакории маблағҳои давлатӣ ва баҳодиҳии тамоми захираҳои имконпазири зиёд кардани онҳо ва асоснокии хароҷотро пайгирӣ мекунанд;

- **бори аввал** - коркарди механизми ташкилӣ-иқтисодии паст намудани таҳдидҳо ба амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳқиқ гардидааст;

- асосноккунии тавсияҳои илмию амалӣ оид ба коркарди **механизми таъмини амнияти** молиявӣ ба воситаи мукаммалгардонии назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ гардидааст;

- дар доираи **қонунгузорӣ чораҳои намудҳои назорат**, субъектҳо ва объектҳои назорат, ҷудо кардани соҳаҳои назорати берунӣ ва дохилии молиявию буҷетӣ муҳим арзёбӣ гардида, муайян карда шудааст, ки набудани равишҳои умумӣ ба таснифоти назорати молиявӣ ва буҷетӣ, истилоҳоти ягона дар таҳия ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба пайдоиши як қатор ҳолатҳои баҳснок, масалан, дар робита ба чораҳои ҷавобгарӣ барои вайронкунии молиявӣ мусоидат карда истодааст.

- пешниҳодҳо оид ба такмили механизми самтҳои асосии таъмини амнияти андозӣ ҳамчун ҷузъи амнияти молиявӣ муқаррар карда шуда, зарурати қабули стратегияи нави таъмини амнияти молиявии мамлакат асоснок карда шудааст. Асоснок карда шудааст, ки амалисозии чорабиниҳои пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки ҳифзи манфиатҳои сохторҳои давлатӣ ва

хусусӣ тавассути такмили заминаи қонунгузорӣ, механизмҳои назорат ва таъмини амнияти молиявии кишвар ба роҳ монда шавад

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ нишон доданд, ки:**

– асосҳои назариявӣ ва методии таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ муқаррар карда шудааст, хусусиятҳои хоси ҷаҳонишавии молиявӣ ошкор карда шуда, аз тарафи муаллиф таърифи нави амнияти молиявӣ пешкаш карда шуда, самтҳои асосии он ошкор ва вазифаҳояш мушаххас карда шудаанд. Асоснок карда шудааст, ки бисёр унсурҳои ҷаҳонишавии молиявӣ дар натиҷаи рушди худи бахши молия дар сатҳи миллӣ пайдо шудаанд, ки ба афзоиши сармояи озоди пулӣ ва ҳаракати он дар байни кишварҳо алоқамананданд.

– дар асоси таҳқиқи таҷрибаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ оқибатҳои мусбат ва таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ ба низомҳои молиявии иқтисодиётҳои миллӣ мушаххас карда шуда, хусусияти муқовимати кишварҳо ба он бо дарназардошти мутобиқгардонии бахши молия ба ин раванд, истифодаи имкониятҳои байналмилаликунонии фаъолияти хочагидорӣ пешниҳод карда шудаанд, роҳҳои татбиқи механизмҳои пешрафтаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

- арзёбии вазъи муосир ва тамоюли устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҳлили қимматҳои воқеӣ ва ҳадду ҳудудии нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи ҳолати амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, омилҳои дохилӣ ва берунии таҳдидкунанда ба дараҷаи амнияти молиявии кишвар ошкор карда шуда, нишондиҳандаҳои низоми молиявии кишварро аз рӯи қиммати воқеӣ ва ҳадду ҳудудии он гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Зарурати коркарди механизми муассири таъмини амнияти молиявии кишвар, ки барои воридшавии мамлакат ба низоми молиявии ҷаҳонӣ мусоидат менамояд асоснок карда шудааст.

- асосҳои институтсионалии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас карда шуда, вазифаҳои ниҳодҳои таъмини амнияти молиявӣ муқаррар, роҳҳои самаранокгардонии сохтори институтсионалии амнияти молиявӣ тариқи мукаммалгардонии қонунгузории соҳа, баланд бардоштани маҳсулнокии фаъолияти субъектони ин низом, рушди ҳамкориҳои мақомоти танзимкунандаи соҳа пешниҳод карда шудааст, мушкилоти қонунгузорӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ (парокандагии меъёрҳои ҳуқуқии ҷойдошта; ҷой доштани мухолифатҳо дар қонунгузорӣ, мавҷуд набудани қонуни алоҳида дар самти таъмини амнияти молиявӣ, рушди нокифояи механизми танзими амнияти молиявӣ, ҳамоҳанги нокифояи устувории молиявӣ байни мақомоти танзимкунанда ва муассисаҳои молиявӣ ва ғ.) ошкор карда шудаанд.

- самтҳои стратегии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ пешниҳод карда шуда, (бунёди шароит барои баланд бардоштани сифати идоракунии молиявии мақомотҳо ва идораҳои бахши молияи мамлакат; рушди низоми назорати давлатӣ ва маҳаллии молиявӣ; бунёди низоми самараноки танзими асъор ва назорати асъор; мукаммалгардонии низоми аудити давлатӣ дар бахши молия ва буҷет; таъмини фаъолияти самаранокии низоми андоз; идоракунии самараноки қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон; рақамикунонии низоми идоракунии молияи давлатӣ; таъмини самаранокии ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши молия; коркард ва татбиқи механизми танзими муносибатҳои байнибуҷавӣ), таҳкими амнияти молиявӣ як раванди дарозмуҳлат арзёбӣ гардидааст, зарур шуморида шудааст, ки ҷустуҷӯи роҳҳои дастёбӣ ба он дар ячейкаҳои аввалини таъмини амнияти молиявӣ оғоз карда шавад.

- механизми ташкилӣ-иқтисодии паст намудани таҳдидҳои амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ коркард карда шудааст, ки низоми доимоамалкунандаи ошкорсозӣ, арзёбӣ ва идоракунии таҳдидҳои молиявиро инъикос намуда, устувории низоми молиявиро кафолат медиҳад;

– тавсияҳои илмию амалӣ оид ба мукаммалсозии механизми назорати давлатии молиявӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд. Исбот карда шудааст, ки татбиқи механизми пешниҳодшуда ба беҳтар шудани вазъи молиявии давлат, нигоҳдории нишондиҳандаҳои он дар минтақаи субот равона гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, аз ҷумла: таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ, баҳодиҳии ҳолати кунунии суботи молиявӣ дар мамлакат, муайянсозии самтҳои асосии таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ саҳми худро гузоштааст.

Хулоса ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва байнидонишгоҳӣ, инчунин, семинарҳои илмии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба тасвиб расидаанд.

Муқаррароти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар раванди таълим ҳангоми таълими курсҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Амнияти иқтисодӣ», «Амнияти молиявӣ», «Пул қарз бонк» ва ғайра дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон истифода шудаанд.

муқаррароти асосии диссертатсия дар чорабиниҳои илмиву амалӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, баҳои мусбат гирифтаанд.

- мӯҳтавои асосии диссертатсия дар семинарҳои назариявӣ ва ҷаласаҳои илмии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мунтазам мавриди муҳокима қарор ёфтаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA – 017 аз 05 марти соли 2024 қарори сазовор донистани Изатуллои Ҳабибзод, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва

маҳаллӣ (6D051003- Амнияти иқтисодӣ) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз он ҷумла, 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 11нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба Шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 11 нафар, муқобил – нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ — Ҷонмамадов Ш.Б.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ — Бобозода К.О.

«05» марти соли 2024